Funded by the European Union

unesco

Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

# ТАЛАБОТИ ТАХАССУСӢ ВОБАСТА БА САЛОҲИЯТИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ ВА КОММУНИКАТСИОНИИ ОМӮЗГОРИ МУАССИСАИ ТАҲСИЛОТИ УМУМИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ЗАМИМА БА ФАРМОИШИ
ВАЗИРИ МАОРИФ ВА ИЛМИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
№ 302 АЗ "20" 03 соли 2024

***НАШРИЯИ МАЗКУР БО МАБЛАҒГУЗОРӢ (КУМАКИ МОЛИЯВИИ) ИТТИҲОДИЯИ АВРУПО ТАҲИЯ ШУДААСТ. МУҲТАВОИ ОН ТАНҲО БАР ӮҲДАИ ЮНЕСКО АСТ ВА БАЁНГАРИ МАВҚЕИ ИТТИҲОДИЯИ АВРУПО ШУМУРДА МЕШАВАД.***

ДУШАНБЕ 2024

# Мундарича


МУҚАДДИМА 02

МАФҲУМҲОИ АСОСӢ 04

ҶАДВАЛИ САЛОҲИЯТ 05

ҶАНБАИ 1. ТИК ДАР СИЁСАТИ МАОРИФ 07

ҶАНБАИ 2: ТАЪЛИМ ВА ОМӮЗИШ. ТАШКИЛИ РАВАНДИ ОМӮЗИШ 08

ҶАНБАИ 3. ТЕХНОЛОГИЯ ВА МАХЗАНҲОИ РАҚАМӢ 10

ҶАНБАИ 4. МАЪМУРИЯТ ВА ИДОРАКУНӢ 11

ҶАНБАИ 5. РУШДИ МУНТАЗАМИ КАСБӢ 12

САТҲҲОИ САЛОҲИЯТНОКӢ 13

САТҲИ 1 – ОМӮЗГОР – КОРБАРИ НАВОМӮЗИ ТИК 15

САТҲИ 2. ОМӮЗГОР ҲАМГИРОСОЗ 16

САТҲИ 3 – ОМӮЗГОР НАВОВАР 17

ҶАДВАЛИ НИШОНДИҲАНДАҲО 18

# МУҚАДДИМА

Рушди босуръати технологияҳои рақамӣ аз ҷамъият, хусусан ҷавонон, мутобиқати мунтазам ба ҷаҳони зудтағйиёбандаро тақозо мекунад. Паҳншавии пандемияи КОВИД-19 бори дигар мавқеи технологияҳоро дар ҳаёт собит намуд. Дар ин раванд, бо истифодаи оқилона аз технологияҳои рақамӣ маҷмуи мушкилиҳо барои инсон осон гардида, имкон пайдо гардид, ки одамон фаъолиятҳои худро ҳам дар таҳсил ва ҳам дар кор дар шароити пеш омадани ҳолатҳои ғайричашмдошт ва ногувор дар муҳити хона низ метавонанд давом диҳанд. Вале гузариши суръатнок ба технологияҳои таълимӣ боз ҳам тафовути дастрасӣ ба таҳсилотро васеъ ва сифати онро барои нафароне, ки ба технологияҳои рақамӣ дастрасӣ надоштанд ва ё аз қобилияти истифодаи самараноки онҳо маҳрум буданд, заифтар кард.

Солҳои охир дар Тоҷикистон як қатор ислоҳот барои рушди соҳаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ (ТИК) ва таҳкими истифодаи бехатару ҳадафноки онҳо амалӣ гардида истодааст. Дар ин самт, санадҳои калидие, ки воридсозии ТИК дар соҳаи маориф барои такмили раванду натиҷаҳои таълиму идораи раванди таҳсилот ба танзим медароранд, Стратегияи миллии рушди маориф барои давраи то соли 2030, Харитаи роҳи миллии рақамикунонии низоми маориф (соли 2023), Барномаи миллӣ оид ба татбиқи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027 ба шумор мераванд. Ҳадафи ислоҳоти мазкур таъмини муассисаҳои таълимӣ бо таҷҳизот, нармафзору дастрасии зарурӣ ба Интернет мебошад. Омили таркибии расидан ба ин ҳадаф омодасозии шароити мусоид ҷиҳати ташаккули салоҳияти ТИК барои тамоми иштирокдорони раванди таҳсилот, аз ҷумла омӯзгорони ҳамаи фанҳои таълимӣ, маҳсуб мешаванд.

Ин мавод бо дастгирии Иттиҳодияи Аврупо нашр шудааст. Мундариҷаи нашрия масъулияти ЮНЕСКО аст ва назари Иттиҳодияи Аврупоро инъикос намекунад.

Ҳадафи "Талаботи тахассусӣ вобаста ба салоҳияти технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионии омӯзгори муассисаи таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон" (минбаъд Талабот) муайян кардани салоҳияти омӯзгорон ҷиҳати истифодаи самараноки ТИК дар фаъолияти таълимии омӯзгорон ва фаъолияти кормандони соҳаи маориф мебошад.

Талаботи мазкур барои кормандони масъули Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, мутахассисони муассисаҳои зерсохтор ва ҳамаи омӯзгорони муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ Вазорат ҳамчун роҳнамо хизмат карда, дар таҳия ва татбиқи силсилатадбирҳои ёрирасон ба омӯзгорон барои дарёфти маҳорати истифодаи ТИК ҷиҳати таълими самарабахши насли наврас дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати истифода аз технологияи рақамӣ мусоидат мекунад. Омили босамар дар ин раванд маҳорати баланди корбарӣ аз ТИК дониста шудааст, ки дар ҷомеаи рақамӣ ҷузъи таркибии ҳар як касб дониста мешавад.

# Мафҳумҳои асосӣ

***Технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ (ТИК) ва ё технологияҳои рақамӣ (ТР)*** *– абзорҳо барои ҷамъоварӣ, коркард, интиқол, захира ва муаррифии иттилоот дар намуди рақамӣ.*

***Салоҳияти марбут ё вобаста ба ТИК –*** *талаботи мушаххас ба омӯзгор (ё тавонмандии ӯ дар иҷрои кор), ки барои иҷрои вазифаҳои касбии худ бояд дошта бошад ва бо корбурди ТИК дар фаъолияти таълимиаш онро собит созад. Салоҳиятҳо ин талаботи касбӣ барои омӯзгор буда, ӯро вазифадор месозад, ки дар фаъолияти таълимиаш аз технологияи рақамӣ истифода барад. Ё ки ин салоҳиятест, ки тибқи талабот ба дониш, маҳорат, муносибат ва таҷрибаи тахассусӣ, ки омӯзгор бояд бо истифодаи ТИК дар иҷрои вазифаҳои худ мутобиқи мақоми ишғолкардааш нишон дода тавонад.*

# ҶАДВАЛИ САЛОҲИЯТ

Тамоми вазифаҳои касбии омӯзгорро метавон ба ҷанбаҳои зерин тақсим кард:

- Сиёсати давлатиро амалӣ мегардонад.
- Раванди таҳсили хонандагонро бо мақсади такмили мунтазами он ба нақша гирифта, ташкил ва арзёбӣ мекунад.
- Корҳои маъмурии мактабро иҷро мекунад, аз ҷумла идораи журнали синфӣ, ҳамоҳангсозии фаъолияти худ бо дигар ҳамкорон, омодасозии ҷадвали давомоти хонандагон, муошират бо волидон ва ғайра.
- Тавонмандии хусусии худро мунтазам такмил медиҳад.

Барои иҷрои ҳар як вазифа омӯзгорон метавонанд аз ТИК васеъ истифода баранд то самаранокии раванди таҳсилотро баланд бардоранд. Ҳамин санад салоҳиятҳои вобаста ба ТИК–и омӯзгоронро, новобаста аз фанни меомӯзонидаашон, муайян мекунад, ки омӯзгорон аз уҳдаи иҷрои вазифаҳои дар боло қайдгардида бо истифода аз технологияҳои муосири рақамии дастрас баромада тавонанд.

Талабот ба омӯзгор дар ҳар як ҷанба аз се сатҳ иборат аст, ки дар афзоиши салоҳияти омӯзгор аз як сатҳ ба сатҳи дигар дар баробари такмили тахассус ва таҷрибаи корбурди ТИК аз омӯзгори навомӯз то ба навовар инъикос мегардад. Сатҳи баландтари салоҳият талаботҳои сатҳҳои пешинаро низ дар бар мегирад. Сатҳҳо бо ҳам сахт пайвасту аз ҳамдигар вобастаанд. Ҳадафи онҳо ёрӣ расонидан ба худи омӯзгорон ва масъулони зерсохторҳои марбути Вазорати маориф ва илм, аз ҷумла масъулони такмили ихтисоси омӯзгорон мебошад. Салоҳияти кунунии омӯзгорон ва қадамҳои зарурӣ барои рушди минбаъдаи маҳорати истифодаи ТИК аз ҷониби онҳо тавассути иҷрои ин талабот муайян карда мешавад.

Дар асоси талаботи тахассусии омӯзгор вобаста ба истифодаи ТИК арзёбӣ ва аттестатсия, такмили ихтисос ва гузаронидани озмунҳои гуногунро барои муайян кардани сатҳи касбии омӯзгорон бо назардошти шароити мавҷудаи технологияҳои иттилоотӣ ва рақамӣ дар муассисаҳои таълимӣ роҳандозӣ кард.

# Ҷанбаҳои салоҳияти ТИК

## Ҷанбаи 1. ТИК дар сиёсати маориф

Ҷанбаи мазкур ба нишондиҳандаи “дониши санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки фаъолияти соҳаи маорифро ба танзим медароранд ва риояи онҳо”-и Тартиби аттестатсияи кормандони соҳаи омӯзгорӣ ва илмии муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 июни соли 2017 №281) алоқаманд мебошад. Ҷанба аз талаботе иборат аст, ки аз омӯзгор дар татбиқи ҳадафмандонаи ТИК аз нигоҳи сиёсасати маориф талаб карда мешавад. Салоҳиятҳои марбут ба ҳамин ҷанба истифодаи ТИК дар таҳсилот, рушду амалигардонии сиёсати номбурда дар фаъолияти касбии омӯзгорро фаро мегирад.

Омӯзгор нақши калидиеро дар татбиқи ҳар як тадбири сиёсати маориф мебозад. Аз ин рӯ, ҷанбаи мазкур аз омӯзгорон дарки принсипу авлавиятҳои сиёсати маорифро дар татбиқи ТИК, пешбурди онҳо дар сатҳи мактабу ҷамъияти маҳал, воридсозии онҳо дар таҷрибаи омӯзгорӣ, ва иштироки созанда дар музокираҳо оид ба татбиқи ТИК аз нигоҳи сиёсати маориф дар сатҳи маҳал, ноҳиявӣ ва ҷумҳуриявиро талаб мекунад.

## Ҷанбаи 2: Таълим ва омӯзиш. Ташкили раванди омӯзиш

Талаботҳои ин ҷанба ба нишондиҳандаи “иҷрои уҳдадориҳои вазифавӣ (пуррагӣ ва сифатнок)”–и Тартиби Аттестатсияи кормандони соҳаи омӯзгорӣ ва илмии муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, бо истифодаи ТИК дар раванди банақшагирӣ (таҳия) ва пешбурди фаъолияти таълимӣ барои расидан ба ҳадафҳои стандартҳои таълимӣ ва барномаҳои таълимӣ алоқаманд мебошад.

Дар доираи ислоҳоти татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим тамоми стандартҳои таълимӣ ва барномаҳои таълимӣ бо назардошти муҳтавои ҳамин Талабот бояд бознигарӣ ва таҷдид карда шаванд. Аз ин рӯ, ҷанбаи мазкур тақозо мекунад, ки омӯзгор барои гузариш аз рӯйкарди интиқоли дониш ба рӯйкарди ташаккули салоҳиятҳои калидӣ ва фаннии хонандагон ва ташаккули маҳорати худомӯзишии хонандагон аз воситаҳои ТИК ва рақамӣ фаъолона истифода барад.

Талабот аз омӯзгор тағйир додани раванди банақшагирии дарсҳо ва гузариш аз фаҳмондани муҳтавои муайян ба интихоби методҳои самарабахши ташкили корҳои фардиву гурӯҳии хонандагон талаб менамояд, то ки онҳо дониш, маҳорат ва муносибати худро ташаккул диҳанд.

Арзёбии фаъолияти хонандагон бояд аз баҳогузории субъективӣ ҷудо бошад ва бо мақсади беҳтар кардани раванди таълим гузаронида шавад. Малакаҳои худомӯзӣ талаботи калидии ҷаҳони муосири зудтағйирёбанда буда, асоси муносибати босалоҳиятро ташкил медиҳад. Маҳорати хонандагон чун ба нақшагирии худомӯзӣ, интихоби сарчашмаҳои боэътимод (аз ҷумла аз Интернет), эҷоди намоишнома (презентатсия)–ҳо дар форматҳои гуногун, кори мустақилона ва гуруҳӣ ва амсоли инҳо бояд бо ёрии омӯзгор тавассути ҳавасманд кардани хонандагон, роҳбарии моҳиронаи корҳои таълимии онҳо, таъмини маслиҳату вазифаҳои возеҳ бо истифодаи аз ТИК ташаккул дода шавад. Бо назардошти ин талаботҳо, ҳадафи ҷанбаи мазкур рушди малакаҳои истифодаи ТИК–и омӯзгор барои ташкили раванди босамару фарогири таълим дониста мешавад.

## Ҷанбаи 3. Технология ва махзанҳои рақамӣ

Ин ҷанба салоҳиятҳоеро фаро мегирад, ки барои ҳар як омӯзгор муҳим буда, асоси салоҳиятҳои дар дигар ҷанбаҳо муаррифишударо ташкил медиҳад. Онҳо дониш, маҳорат, малака ва таҷрибаи истифодаи таҷҳизот, абзору хидматҳои раванди таълимро дар бар мегиранд, ки ҳамчунин барои такмили ихтисоси омӯзгор зарур мебошанд. Ин салоҳиятҳо интихоби оқилонаи технологияву махзанҳои рақамиеро имкон медиҳанд, ки ба ҳадафҳои корҳои таълимӣ, шароити кунунии мактабу ниёзи хонандагон мувофиқ буда, бехатарии онҳоро таъмин карда метавонанд.

## Ҷанбаи 4. Маъмурият ва идоракунӣ

Ҷанба малакаҳои корбурд (таъмини техникӣ ва бехатарӣ)–и дурусти таҷҳизот, нармафзор ва маълумот (додаҳо)–и муассисаи таълимӣ, ташкили муҳити воқеӣ ва маҷозии синф, идораи низомҳои иттилоотии худкор, аз ҷумла барои идораи раванди таҳсилот, ки дар муассиса истифода мешаванд, дар бар мегирад. Он аз талаботҳое иборат аст, ки аз омӯзгор барои бунёди муҳити рақамии эътимоднок, созгор ва бехатари таълимӣ тақозо мешавад. Муҳити мазкур равандҳои таълимиро чи дар мактаб ва чи берун аз он фаро гирифта, дар рушди муассисаи таълимӣ мусоидат мекунад.

Омӯзгор бояд талаботҳои ҷориро барои таъмини бехатарӣ, корбарии таҷҳизоту нармафзорро донад ва риоя кунад. Вай вазифадор аст, ки аз хонандагон риояи қатъии қоидаҳои амнияти иттилоотиро талаб карда, ба эҷоди муҳити солиму боэътимод, дӯстона ва бехатари рақамӣ, ки фаъолияти таълимиро дар муассисаи таълимӣ ва берун аз он дастгирӣ мекунад, мусоидат кунад.

## Ҷанбаи 5. Рушди мунтазами касбӣ

Ҷанбаи мазкур ба нишондиҳандаи "худтакмилдиҳӣ ва татбиқи технологияи компютерӣ ва иттилоотӣ дар фаъолияти касбӣ"-и Тартиби Аттестатсияи кормандони соҳаи омӯзгорӣ ва илмии муассисаҳои таълимии ҶТ мувофиқ мебошад. Он салоҳиятҳоеро дар бар мегирад, ки ба омӯзгор барои рушди мунтазами касбӣ бо истифода аз ТИК зарур буда, онҳо тавассути гузаштан аз курсҳои онлайнӣ ва омехта, иштирок дар вебинарҳо, истифодаи махзанҳои таҳсилотии дастрас ва инчунин ҳамкории доимӣ бо ҳамкасбони худ барои истифода аз таҷрибаи пешрафта ҳам дар дохили кишвар ва ҳам берун аз он ба омӯзгор ёрӣ расонида метавонанд.

# Сатҳҳои салоҳиятнокӣ

Бо дарназардошти дастрасии кунунӣ ба ТИК дар муассисаҳои таълимии шаҳру деҳоти кишвар се сатҳи асосии талабот барои рушди салоҳияти омӯзгорон дар истифодаи ТИК муайян карда шудаанд. Мақсади асосии тавсифи сатҳҳо барои ҳар як ҷанба таъмин намудани роҳнамоии омӯзгорон барои худбаҳодиҳӣ ва рушди минбаъдаи салоҳиятҳо дар истифодаи ТИК мебошад. Тавсифи сатҳҳои салоҳиятро сохторҳои зертобеи ВМ (яъне институтҳои такмили ихтисос ва ёрии методӣ ба омӯзгорон) ҳамчун дастур барои таҳияи барномаҳои такмили ихтисоси омӯзгорон дар истифодаи ТИК дар асоси ниёзи онҳо бо назардошти дараҷаи кунунии касбии омӯзгорон метавонанд истифода баранд. Масалан, ин маънои онро дорад, ки омӯзгороне, ки нав ба истифодаи ТИК шуруъ мекунанд, ба модулҳои асосӣ оид ба истифодаи ТИК дар амалияи таълим дастрасӣ пайдо кунанд ва омӯзгороне, ки, аллакай, малака ва таҷрибаи ибтидоӣ дар истифодаи ТИК–ро доранд, метавонанд модули пешрафтаи истифодаи ТИК–ро интихоб кунанд. ТИК барои рушди минбаъдаи салоҳиятҳо дар соҳаҳои истифодаи ТИК мусоидат карда, барои ташаккули салоҳиятҳо дар сатҳи сеюм омӯзгорро зарур аст, ки дар сатҳи муассисаи таълимӣ ва ноҳия (вилоят, ҷумҳурӣ) барои ҷорӣ намудани қарорҳои нав, иштироки созанда дар ҳамоишҳои гуногун ва таблиғи ТИК шароит фаъолона иштирок намояд.

Талаботи мазкур метавонад танҳо дар сурати мавҷуд будани таҷҳизоти зарурии технологӣ дар мактаб ва дастрасии омӯзгорон ба имкониятҳои такмили ихтисоси дар боло зикршуда барои аттестатсия ва баҳогузории омӯзгорон истифода шавад.

**Сатҳи 1**
**Навомӯз**

ОГАҲМАНДӢ ОИД БА ТИК ВА ИМКОНИЯТҲОИ ОНҲО
ДОНИШИ ИБТИДОӢ ОИД БА ОН КИ ИСТИФОДАИ ТИК МЕТАВОНАД РАВАНДИ ТАЪЛИМУ ОМӮЗИШРО БЕҲТАР ГАРДОНАД.

**Сатҳи 2**
**Ҳамгиросоз**

ВОРИДСОЗИИ ОГАҲМАНДОНА, БЕХАТАР ВА САМАРАНОКИ ТИК ДАР ФАЪОЛИЯТИ КАСБИИ ХУД

**Сатҳи 3**
**Нававар**

ТАШАККУЛИ МУСТАҚИЛОНАИ МАЛАКАҲОИ КОРБУРДИ ТИК
БУНЁДИ МАХЗАНУ ҶАМЪИЯТҲОИ РАҚАМӢ
ПЕШБУРДИ ТИК ДАР САТҲИ МАКТАБ

# Сатҳи 1 – Омӯзгор - корбари навомӯзи ТИК

Дар ин сатҳ омӯзгорон дар бораи афзалиятҳои имконпазири технологияҳои рақамӣ барои такмили таҷрибаи омӯзгорӣ ва рушди касбӣ огаҳманд буда, дарки ибтидоии онро доранд, ки чӣ тавр истифодаи ТИК метавонад раванди таълиму омӯзишро беҳтар менамояд. Омӯзгорон ба таҷҳизоту нармафзори калидии ТИК дастрасӣ дошта, онҳоро барои идораи электронии санадҳо, аз ҷумла таҳияи нақша–конспектҳо, журналу рӯзномаҳои хонандагон дар формати электронӣ, сохтани намоишномаҳо, инчунин барои муошират бо хонандагону волидон ва ҳамкасбон истифода мебаранд. Дар рафти дарсҳо онҳо аз тадбирҳои асосии рақамӣ ба мисли намоишномаҳои чандрасонаӣ ва ё ҷустуҷӯи интернетӣ кор мебаранд. Омӯзгорон соҳиби дониши ибтидоӣ оид ба ислоҳоти низоми маориф ва авлавиятҳои он ҷиҳати татбиқи ТИК дар таҳсилот буда, нақши худро дар амалигардонии он дарк мекунанд. Онҳо баъзан аз имкониятҳои дастрас ба монанди дарёфти махзанҳои таҳсилотӣ дар интернет, низомҳои гуногуни идораи таҳсилот, ки барои истифодаи дохилӣ таҳия шудаанд, истифода мебаранд. Омӯзгорон дорои малакаҳои ибтидоии истифода ва пуштибонии техникии таҷҳизоти рақамии дастрас мебошанд.

# Сатҳи 2. Омӯзгор ҳамгиросоз

Дар ин сатҳ аз омӯзгор истифодаи технологияҳои рақамӣ тақозо мешавад, то ба хонандагони дорои имкониятҳои гуногун дар амалигардонии зарфияти худ ёрӣ расонанд. Омӯзгорон огаҳмандона ва ҳадафмандона тадбирҳои рақамиро дар корҳои таълимӣ бо назардошти ниёзу шавқи хонандагон ворид месозанд. Аз омӯзгор на танҳо интихобу корбарии махзану технологияҳои рақамӣ балки пайванд кардани онҳо бо методу шаклҳои корҳои таълимӣ талаб карда мешавад. Омӯзгорон бояд дорои малакаҳои истифодаи маводҳои рақамӣ аз сарчашмаҳои гуногун буда, дар сурати зарурӣ онҳоро мутобиқ ба шароити худ ва ҳадафи дарсу ниёзи хонандагон таҳрир карда тавонанд. Дар ин сатҳ омӯзгорон бояд соҳиби малакаи ташкили муҳити фарогири педагогиву воқеиву ТИК–бунёд барои ҷалби ҳамаи бачагон ба раванди самараноки таҳсил бошанд. Омӯзгорон қобилияти истифодаи технологияҳои рақамиро барои арзёбии пешрафти хонандагон дошта, маълумоти захиракардаро барои болоравии натиҷаҳо истифода мебаранд.

# Сатҳи 3 – Омӯзгор нававар

Дар сатҳи мазкур омӯзгорон фаъолона аз маҷмуаи густурдаи технологияҳои рақамӣ дар фаъолияти касбии худ истифода бурда, таҷрибаи худро мунтазам таҳлил ва беҳтар мекунанд. Онҳо ТИК–ро барои рушди малакаҳои худомӯзишии худ ва хонандагон ва ташаккули салоҳиятҳои калидии байнисоҳавии хонандагон истифода мебаранд. Инчунин, онҳо қодиранд самаранокии истифодаи тадбирҳои рақамии алоҳидаро дар корҳои таҳсилотӣ арзёбӣ кунанд.

Омӯзгорон нававарон бо ҳамтоёни худ мубодилаи донишу таҷрибаро ҷиҳати истифодаи технологияҳои рақамӣ фаъолона пеш бурда, дастгирии худро аз ҳамкорони татбиқгари ТИК дар раванди таълим дареғ намедоранд. Онҳо дар пешбурди ТИК дар корҳои таълимӣ, оростани онлайн форумҳои маҳаллӣ ва байналмилалӣ ҷиҳати корбурди ТИК барои такмили омӯзиши хонандагон ва рушди касбии омӯзгорон фаъолона ширкат меварзанд.

| ҶАНБАИ 1: ТЕХНОЛОГИЯИ ИТТИЛООТӢ ВА КОММУНИКАТСИОНӢ (ТИК) ДАР СИЁСАТИ ДАВЛАТИИ МАОРИФ | | | |
|---|---|---|---|
| **Салоҳият: Дар коркард ва амалишавии сиёсати давлатӣ ҷиҳати татбиқи ТИК дар соҳаи маориф фаъолона иштирок мекунад** | | | |
| **Нишондиҳандаҳои салоҳиятмандӣ** | | | |
| **Самтҳои калидӣ** | **Сатҳи 1** | **Сатҳи 2** | **Сатҳи 3** |
| Принсип ва авлавиятҳои сиёсати давлатӣ ҷиҳати татбиқи ТИК дар соҳаи маориф | 1.1.1. Афзалиятҳои мавҷудаи сиёсати давлатиро ҷиҳати татбиқи ТИК дар соҳаи маориф мефаҳмонад. | 1.2.1. Методҳои таълимро, ки авлавиятҳои сиёсатро ҷиҳати амалишавии ТИК ба инобат мегиранд, дар нақшаҳои корӣ (тақвимӣ ва дарсӣ) шарҳ медиҳад. | 1.3.1 Дар асоси таҷрибаи педагогии худ ҷиҳати такмили ҳуҷҷатҳои сиёсати давлатӣ дар самти истифодаи ТИК дар таҳсилот тавсияҳо пешниҳод менамояд |
| Раванди таълим дар татбиқи ТИК дар соҳаи маориф | 1.1.2. Захираҳо ва манбаъҳои интернетиро, ки шиносоӣ бо санадҳои марбут ба татбиқи ТИК дар соҳаи маорифро тибқи сиёсати давлатӣ имкон медиҳанд, медонад. | 1.2.2. Монеаҳоеро, ки дар муассисаи таълимӣ ҳангоми татбиқи сиёсати давлатӣ оид ба истифодаи ТИК дар соҳаи маориф ба таври муфассал баррасӣ мекунад. Тадбирҳои ҳалли ин монеаҳоро пешниҳод мекунад. | 1.3.2. Дар муҳокима, таҳия ва татбиқи нақшаи муассисаи таълимӣ барои амалишавии афзалиятҳои сиёсати давлатӣ ҷиҳати татбиқи ТИК фаъолона иштирок мекунад. |
| Нақши муассисаи таълимиро дар татбиқи ТИК дар соҳаи маориф | 1.1.3. Мефаҳмонад, ки чӣ гуна фаъолияти муассисаи таълимӣ бо сиёсати давлатӣ бояд мувофиқ бошад ва дар амалишавии он мусоидат мекунад. | | |

| ҶАНБАИ 2: ТАШКИЛИ РАВАНДИ ТАЪЛИМ (ва омӯзиш) | | | |
|---|---|---|---|
| **Салоҳият: ТИК-ро дар раванди таълим барои ноил шудан ба ҳадафҳои стандарт ва барномаҳои таълимӣ истифода мебарад** | | | |
| **Нишондиҳандаҳои салоҳият** | | | |
| **Самтҳои калидӣ** | **Сатҳи 1** | **Сатҳи 2** | **Сатҳи 3** |
| Банақшагирии раванди таълим | 2.1.1. Мефаҳмонад, ки чӣ тавр истифодаи ТИК дар раванди таълими фанни мушаххас самаранокии фаъолияти таълимиро баланд мебардорад. | 2.2.1.Мувофиқи ҳадафи дарс ва ниёзҳои хонандагон истифодаи ТИК-ро ба нақшаҳои дарсии худ ворид мекунад. | 2.3.1. Бо мақсади ташаккули маҳорати омӯзиши мустақилонаи хонандагон бо истифода аз ТИК фаъолияти таълимиро банақша мегирад. |
| Саҳмгузорӣ дар таҳкими муҳити фарогири таҳсилот дар асоси муносибати босалоҳият | 2.1.2. Барои пешбурди фаъолияти таълимӣ захираҳои рақамии тайёр (видеоҳо, супоришҳо, тестҳо ва ғ.)-ро дарёфт ва маводди одии рақамии таълимӣ (шаблонҳо, супоришҳо дар формати электронӣ, презентатсияҳо ва ғ.)-ро таҳия мекунад. | 2.2.2. Захираҳои рақамиро аз сарчашмаҳои боэътимод интихоб намуда, онҳоро ба ҳадафи дарс ва эҳтиёҷоти хонандагон барои ташкили фаъолияти таълимӣ дар асоси муносибати босалоҳият мутобиқ месозад.<br><br>2.2.3. .Шаклҳои гуногуни арзёбиро бо истифода аз ТИК (викторинаҳои рақамӣ, бозиҳо, тестҳо ва ғ) мегузаронад. | 2.3.2 Фаъолияти лоиҳавиро барои ташаккули тафаккури мантиқии хонандагон, маҳорати ҳамкориву муносибат дар кори гурӯҳӣ барои ҳалли мушкилиҳои воқеӣ истифода мебарад |
| Арзёбии пешрафти хонандагон ва истифодаи натиҷаҳои арзёбӣ | 2.1.3. Воситаҳои дурусти ТИК-ро барои дастгирии хонандагон дар раванди омӯзиши муҳтавои фан интихоб мекунад.<br><br>2.1.4.. Ба саволҳои хонандагон посух медиҳад ва ба онҳо бо истифода аз Интернет (почтаи электронӣ, чат, телеконференсия ва ғ.) машварат медиҳад. | 2.2.4. Маълумотро дар бораи пешрафти хонандагон дар шакли рақамӣ ҷамъоварӣ ва ҳифз намуда, онҳоро барои фардикунонии таълим истифода мебарад<br><br>2.2.5. Пешрафти хонандагонро бо онҳо, падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда ва шахсони манфиатдор) бо истифода аз васоити рақамӣ баррасӣ менамояд. | 2.3.3. Шаклҳои алтернативии арзёбӣ (портфолиои электронӣ, танзимгари графикӣ, воситаҳои рефлексивӣ)-ро барои ташаккули маҳорати худбаҳодиҳӣ ва худомӯзӣ таҳия карда истифода мебарад. |

| ҶАНБАИ 3: ЗАХИРАҲО ВА ТЕХНОЛОГИЯҲОИ РАҚАМӢ | | | |
|---|---|---|---|
| **Салоҳият: Таҷҳизоти, нармафзор ва захираҳои таълимии дастрас бо назардошти бехатарӣ, эътимоднокӣ, мувофиқат ба ҳадафҳои таълимӣ, муносибатҳои педагогӣ ва ниёзҳои хонандагон истифода мебарад.** | | | |
| **Нишондиҳандаҳои салоҳият** | | | |
| **Самтҳои калидӣ** | **Сатҳи 1** | **Сатҳи 2** | **Сатҳи 3** |
| Истифодаи бехатар ва ҳадафмандонаи махзану хизматрасониҳои рақамии дастрас аз нигоҳи ҳуқуқӣ | 3.1.1. Компютер, воситаҳои аудиовизуалӣ ва техникӣ (проектори мултимедиавӣ, тахтаи электронӣ, принтер, сканер ва дигар дастгоҳҳои рақамӣ/ гадчетҳо)-ро барои ҷустуҷӯ, намоиш ва таҳияи захираҳои таҳсилоти рақамӣ истифода мебарад. | 3.2.1. Талаботи одоби шабакавӣ ва ҳуқуқи муаллифро ҳангоми кор дар киберфазо риоя карда, талаботи амнияти иттилоотиро қатъиян иҷро мекунад. | 3.3.1. Дар таҳия ва рушди низоми бехатарии иттилоотии муассисаи таълимӣ фарҳанги истифодабарии шабакаи интернет саҳм мегузорад. |
| Насбу истифодаи таҷҳизот ва нармафзорҳои дастрас аз нигоҳи ҳуқуқ ва муҳтаво | 3.1.2. Функсияҳои заминавӣ низоми оператсионӣ, браузер, нармафзорҳои маъмули идоравиро дар раванди омодагӣ ва баргузории дарс истифода мебарад ва нуқсонҳои техникиро бартараф месозад | 3.2.2. Технологияҳои зарурии ёрирасонро барои хонандагони дорои имкониятașон маҳдуди функсионалӣ (биноӣ, шунавоӣ ва ғ.) ҷиҳати таъмини баробари иштирок ва таълими онҳо дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бо дигар хонандагон истифода мебарад. | 3.3.2. Хамкоронро дар муайян кардани технологияҳои нави рақамии муосир, захираҳои таълимӣ ва коркарди роҳҳои бехатару самараноки истифодаи онҳо дар муассисаҳои таълимӣ дастгирӣ менамояд. |
| Ташкили муҳити бехатару фарогири таҳсилот | 3.1.3. Нуқсонҳои ҷузъии техникиро бартараф месозад ва воситаҳои нармафзориро, ки дар раванди таълим истифода бурда мешаванд, ба танзим медарорад.<br><br>3.1.4. Принсипҳои заминавӣ киберамният, саводнокии медиавию иттилоотӣ ва шаҳрвандии рақамиро мефаҳмонад. | 3.2.3. Воситаҳои онлайнӣ ва офлайнии муоширати рақамӣ (аз ҷумла, почтаи электронӣ, телеконфронс Big Blue Button, шабакаҳои иҷтимоӣ ва ғ.)-ро барои гузаронидани корҳои таълимӣ ва муошират бо ҳамкорон истифода мебарад. | 3.3..3. Маводи рақамии интерактивиро таҳия карда ба ҳамкорон дастрас менамояд.<br><br>3.3.4. Дар пурра кардани махзанҳои рақамӣ ва ташкили муҳити омӯзишӣ дар байни ҳамкорон барои мубодилаи дониш, таҷриба ва захираҳо саҳм мегузорад. |

## ҶАНБАИ 4: МАЪМУРИЯТ ВА ИДОРАКУНӢ

**Салоҳият: ТИК-ро дар фаъолияти идоракунӣ истифода бурда, захираҳои рақамии муассисаи таълимиро моҳирона идора менамоя д ва муҳити бехатари таълими рақамиро фароҳам меоварад**

**Нишондиҳандаҳои салоҳият**

| Самтҳои калидӣ | Сатҳи 1 | Сатҳи 2 | Сатҳи 3 |
|---|---|---|---|
| Татбиқи ТИК дар фаъолияти маъмурии муассисаи таълимӣ | 4.1.1. Воситаҳои рақамиро барои идораи равандҳои таълимӣ ва таъмини дастрасӣ ба муҳтавои таҳсилоти рақамӣ истифода мебарад. | 4.2.1. Тарзу усулҳои эҷодкоронаро барои таъмини дастрасии фарогири ҳамаи хонандагон ба махзанҳои таълимӣ (хусусан ҳангоми нарасидани таҷҳизот ва маводҳо) ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои таълимӣ истифода мебарад. | 4.3.1. Дар таҳия ва татбиқи нақшаи чорабиниҳои муассисаи таълимӣ барои таъмини рушди муҳити бехатар, фарогир ва самараноки таҳсилоти рақамӣ иштирок мекунад |
| Ташкилу идоракунии муҳити таҳсилоти рақамӣ | 4.1..2. Биноҳои таълимиро бо истифода аз дастгоҳу технологияҳои рақамии таҳсилоти дастрас барои ташкили дарсҳои худ омода месозад ва нақшаи эҳтиётии дарсҳоро барои пешгирӣ аз халалёбии ҷораҳои таълимӣ дар сурати аз кор бароmадани воситаҳои дастраси ТИК (қатъи қувваи барқ, вайроншавии дастгоҳ ва ғайра) омодаву захира мекунад. | 4.2.2. Нигоҳдории ибтидоии таҷҳизоти рақамиро, аз ҷумла насбу навсозӣ (дар ҳолати зарурӣ)-инармафзорҳои иҷозатномадорро, ки дар раванди таҳсилот истифода мешаванд, иҷро мекунад | 4.3.2. Дар таҳия ва татбиқи нақшаи пешбурди рақамии муассисаи таълимӣ сатҳи ҷомеаи маҳаллӣ мусоидат мекунад. |
| Бунёди муҳити бехатари рақамии таҳсилотӣ | 4.1..3. Қоидаҳои бехатарии истифодаи таҷҳизот ва нармафзори рақамии дастраси муассисаи таълимиро риоя мекунад. | | 4.3.3. Дар таҳия ва рушди низоми талаботи муассисаи таълимӣ барои таъмини амнияти иттилоотӣ, риояи меъёрҳои одоб дар шабака ва риояи ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ ҳангоми кор бо маводди рақамӣ мусоидат мекунад. |

| ҶАНБАИ 5: РУШДИ КАСБӢ | | | |
|---|---|---|---|
| Салоҳиятмандӣ: ТИК-ро дар рушди касбии худ истифода менамояд | | | |
| Нишондиҳандаҳои салоҳият | | | |
| **Самтҳои калидӣ** | **Сатҳи 1** | **Сатҳи 2** | **Сатҳи 3** |
| Истифодаи низомҳои гуногуни таҳсилот барои таҳкими саводи рақамӣ ва рушди касбӣ | 5.1.1. Аз захираҳои интернетии маҳаллӣ, миллӣ ва байналмилалие, ки воситаҳои методӣ, курсҳои онлайнӣ ва дигар имкониятҳои омӯзишу рушди касбиро пешниҳод мекунанд, огоҳӣ дорад. | 5.2.1. Аз захираҳои интернетии дастрас ҷиҳати омӯзиш ва рушди касбии худ мунтазам истифода мебарад. | 5.3.1. Тамоюлҳои рушди ТИК-ро дар соҳаи фанни худ пайгирӣ менамояд. Дар фаъолиятии кории худ падидаҳои нави методиро интихоб намуда, месанҷад ва татбиқ мекунад. Маводро бо ҳамкорон дар мактаб ва инчунин дар сатҳи маҳалливу миллӣ мубодила мекунад. |
| Иштирок дар шабакаҳои онлайнӣ барои омӯзиш ва тақсими донишу таҷриба | 5.1.2.Воситаҳо ва махзанҳои рақамии заруриро интихоб карда, барои рушди касбии худ истифода мебарад. | 5.2.2. Дар кори иттиҳодияҳои методии шабакавӣ ва вохурӣ (конференсия)-ҳои тахассусӣ иштирок карда, таҷрибаи педагогии худро муаррифӣ менамояд. Захираҳои омузиширо ба ҳамкорон мубодила мекунад. | 5.3.2. Дар муассисаи таълимӣ ҳамчун роҳбалад ба ҳамкорон дар омӯзиши падидаҳои нави методӣ, бунёд ва рушди иттиҳодияҳои методии шабакавӣ ёрӣ мерасонад. |
| Саҳмгузорӣ дар рушди ҷамъиятҳои омӯзгорӣ дар сатҳи милливу ҷаҳонӣ | 5.1.3. Дар маҷлису семинарҳои омехта (онлайн ва офлайн), ки иттиҳодияҳои маҳаллӣ ва ё дигар муассисаҳои (ташкилотҳои) касбӣ мегузаронанд, барои рушди касбии худ иштирок мекунад. | | |